Бо қарори мушовараи Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «_29_»__06__ соли 2016, №__9/41__
тасдиқ карда шудааст.

**Низомномаи намунавии**
**маҳфили илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм таҳия гардида, тартиби фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Маҳфили илмии донишҷӯён иттиҳоде мебошад, ки бо ташаббуси донишҷӯён ва намояндагони илмии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои умумии дар Низомномаи мазкур нишондодашуда ташкил карда шудааст.

3. Маҳфили илмии донишҷӯён дар назди кафедраи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил шуда, дар вақти берун аз машғулиятҳои таълимӣ дар давоми соли таҳсил амал мекунад. Дар мувофиқа бо муовини ректор оид ба илм дар назди кафедра якчанд маҳфили илмии донишҷӯёнро ташкил кардан мумкин аст. Дарсҳои семинарӣ, амалӣ ва дигар машғулиятҳо, ки дар рафти таълим гузаронида мешаванд, ҳамчун маҳфили илмии донишҷӯён ҳисобида намешаванд.

4. Фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои он дар шакли хаттӣ, иҷрои қарори кафедра дар бораи таъсиси он, мавзӯъҳои тасдиқнамудаи роҳбари илмии маҳфил, нақшаи солонаи кории он (замимаи 1), суратҷаласаҳои маҷлисҳои маҳфил (замимаи 2), тасдиқи ҳисоботи солонаи кору фаъолияти он (замимаи 3) таҳти назорати мудири кафедра сурат мегирад.

5. Дар сурати фаъолияти самараноки маҳфили илмии донишҷӯён (мувофиқи феҳрасти корҳои маҳфили илмии донишҷӯён - замимаи 4), батанзимдарории хуҷҷатҳои фаъолияти он, тасдиқи маҷлисҳои гузаронидаи маҳфил дар давоми соли таҳсил, роҳбарии илмӣ ба кори маҳфил дар нақшаи инфиродии кори омӯзгор зикр карда мешавад.

6. Нишондиҳандаи корҳои самараноки маҳфили илмии донишҷӯён инҳоянд:

-миқдори нашрияҳои аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён;

-миқдори миёнаи нашрияҳо ба ҳар як аъзои маҳфили илмии донишҷӯён;

-миқдори корҳои илмии омодашудаи аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар озмуну олимпиадаҳо, инчунин дигар чорабиниҳои хусусияти илмӣ дошта (конференсияҳо, форумҳои илмӣ, озмунҳои илмӣ-амалии донишҷӯён, олимпиадаҳои фаннӣ, лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳо, таҷрибаомӯзӣ ва ғайраҳо) дар сатҳи байналмилалӣ;

-миқдори корҳои омодашудаи аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар озмунҳои кушод оид ба корҳои беҳтарини илмии донишҷӯён аз фанҳои табиӣ, техникӣ, дақиқ ва иҷтимоию гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар анҷуманҳои илмӣ;

-миқдори корҳои омодашудаи аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар озмунҳои ҷумхуриявӣ барои гирифтани ҷоизаҳои гуногун, инчунин иштирок дар дигар анҷуманҳои илмии сатҳи минтақавӣ;

-миқдори дипломхо, ифтихорномаҳо, дигар мукофотҳои аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён, ки дар анҷуманҳои илмии «беруна» сазовор гаштаанд;

- миқдори корҳои омодашудаи аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар анҷуманҳои илмии дохилӣ;

-миқдори нашрияҳо дар бораи фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён дар воситаҳои ахбори омма ва ғайра.

7. Маҳфили илмии донишҷӯён бо мақсади ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои илмӣ-амалӣ, ки ҳамчун ҷузви муҳими низоми тайёр намудани мутахассисони баландихтисос ва дигар фанҳоро дар бар мегирад, ташкил карда мешавад.

8. Шаклҳои фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён инҳоянд:

-тайёр намудани маърӯзаҳои илмии донишҷӯён, баромади онҳо дар шӯроҳои маҳфили илмии донишҷӯён, инчунин дар конференсияҳо ва форумҳои илмӣ;

-тайёр намудани донишҷӯён барои иштирок дар озмунҳои илмӣ-амалӣ, олимпиадаҳои фаннӣ, лоиҳаҳои илмӣ, барномаҳо ва таҷрибаомӯзиҳо;

-тайёр намудани мақолаҳои илмии донишҷӯён барои чоп ва ғайра.

9. Маҷлисҳои маҳфили илмии донишҷӯён метавонад дар шакл ва усулҳои гуногун (баҳс, маърӯза) гузаронида шаванд, вале онҳо асосан барои тайёр намудани аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён дар асоси методологияи таҳқиқоти илмӣ, шунидани маърӯзаҳо, машварат оид ба ҷамъбасти кори илмии аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён, банақшагирии корҳои ояндаи онҳо, омода намудани аъзоён ба ҳар гуна ҷамъомадҳои илмии маҳфили илмии донишҷӯён равона карда мешаванд. Барои ҳар як ҷаласа суратҷаласаи шӯрои маҳфили илмии донишҷӯён тартиб дода мешавад.

10. Ба таркиби маҳфили илмии донишҷӯён инҳо дохил мешаванд:

-роҳбар (роҳбарон)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён. Ба ҳайси роҳбар корманди кафедрае баромад карда метавонад, ки дар назди он маҳфил таъсис дода шудааст;

-раиси маҳфили илмии донишҷӯён. Ба ҳайси раис донишҷӯе баромад карда метавонад, киузви маҳфили илмии донишҷӯён буда, дар ҷаласаи маҳфили илмии донишҷӯён интихоб гардидааст;

-аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён донишҷӯёне мебошанд, ки озодона дар фаъолияти  фаъолияти илмӣ-амалии маҳфили илмии донишҷӯён ширкат менамоянд.

11. Роҳбари илмии маҳфили илмии донишҷӯён ваколатдор аст:

-донишҷӯёнро  барои фаъолият дар маҳфили илмии донишҷӯён ҷалб намояд;

- аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯёнро оид ба гузаронидани ҷамъомадҳои илмӣ-амалӣ огоҳ намояд ва  иштироки онҳоро таъмин созад;

-маҷлисхои илмии маҳфили илмии донишҷӯёнро ташкил ва гузаронад;

-феҳрасти корҳои маҳфили илмии донишҷӯёнро дар кафедра омода намояд;

- рафти таҳияи суратҷаласаҳои маҳфили илмии донишҷӯёнро назорат кунад, номгӯи нашрияҳои аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён, инчунин номгӯи мукофотҳои онҳоро омода созад;

- барои бақайдгирии роҳбарии илмӣ ба маҳфили илмии донишҷӯён дар нақшаи инфиродии кори омӯзгор дар шакли муқарраршуда оид ба фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён на дертар аз анҷоми соли таҳсили ҷорӣ  ҳисобот пешниҳод намояд.

12. Роҳбари илмии маҳфили илмии донишҷӯён хуқуқ дорад:

-маълумотро оид ба ҷамъомадҳои  илмӣ, ки дар онҳо донишҷӯён метавонанд иштирок варзанд, қабул намояд;

-устодону омӯзгорони кафедраро ба кору фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён ҷалб ва қабул намояд;

-дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) иштирок намояд;

- маҳфили илмии донишҷӯёнро дар ҳамоҳангӣ бо роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва воҳидҳои сохтории он муаррифӣ намояд.

13. Раиси маҳфили илмии донишҷӯён ваколатдор аст:

- донишҷӯёнро ба аъзогӣ ба маҳфили илмии донишҷӯён ҷалб намояд;

-маълумотро оид ба ҷамъомадҳои  илмӣ, ки дар онҳо донишҷӯён метавонанд иштирок варзанд,  расонад;

-маҷлисҳои маҳфили илмии донишҷӯёнро ташкил ва баргузор намояд;

-суратҷаласаҳои  маҳфили илмии донишҷӯёнро таҳия намояд.

14. Раиси маҳфили илмии донишҷӯён ҳуқуқ дорад:

-маълумотро оид ба ҷамъомадҳои илмӣ, ки дар онҳо донишҷӯён метавонанд иштирок варзанд, қабул намояд;

- дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (аспирантон) иштирок намояд.

15. Аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён ваколат доранд:

- мунтазам дар маҷлисҳои маҳфили илмии донишҷӯён иштирок варзанд (сатҳи иштирок на камтар аз 50 %) ва дар рушди он фаъолона саҳм гузоранд.

16. Аъзоёни маҳфили илмии донишҷӯён ҳуқуқ доранд:

-аз рӯи нишондоди роҳбари маҳфили илмии донишҷӯён ҳангоми доштани ду ва зиёда мақолаҳои илмӣ, диплому ифтихорномаҳо, ё як мақолаи илмӣ ва ифтихорнома, ки дар давоми соли таҳсил ба даст овардааст, барои гирифтани мукофотҳо пешбарӣ карда шаванд;

-мувофиқи фаъолияти низоми холи рейтингӣ (замимаи 5) холҳои мукофотиро барои намудҳои корҳои илмии алоҳида аз фанҳои гуногун, ки бо мавзӯъҳои маҳфили илмии донишҷӯён мувофиқат доранд, соҳиб гардад;

-дар ҳама гуна ҷамъомадҳои илмӣ, ки дар маҳфили илмии донишҷӯён ва ё дар ҷамъияти илмии донишҷӯён гузаронида мешавад, ширкат варзад;

- маълумотро оид ба ҷамъомадҳои илмӣ, ки дар он метавонанд иштирок кунанд, қабул намояд;

-дар корҳои якчанд маҳфили илмии донишҷӯён ширкат варзад, бо хоҳиши худ аз як маҳфили илмии донишҷӯён ба маҳфили дигар гузарад;

- таҳти сарпарастии роҳбари илмии маҳфили илмии донишҷӯён маърӯзаҳо, гузоришҳо ва дигар корҳои илмӣ-амалиро омода намояд ва бо онҳо дар ҷамъомадҳои илмӣ баромад кунад;

-натиҷаи фаъолияти илмии худро дар намуди мақолаҳои илмӣ (тезисҳо) нашр намояд;

-намояндагони худро ба мақомотҳои роҳбарикунандаи ҷамъияти илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (ё факултет) аз рӯи квотаи муқарраргардида равона созад.

17. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи маҳфили илмии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешаванд.

Замимаи 1

**Нақшаи намунавии кори**
**маҳфили илмии донишҷӯён**

______________________________________________

номи кафедра

______________________________________________

ном

( ___________ соли таҳсил)

Санаи  ташкили маҳфили илмии донишҷӯён: ______________________
Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён: ___________________
Ному  насаб, вазифа, унвони илмӣ,  телефон, e-mail
______________________________________________________________________

Аъзои маҳфили илмии донишҷӯён:

| № | Ному  насаби донишҷӯ (пурра) | Гурӯҳ, курс | телефон | E-mail |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| … | | | | |

Нақшаи кори маҳфил

| № | Санаи тахминии баргузории маҳфил | Мавзӯи  маҳфил |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| … | | |

Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён:
_______________________/______________/
Имзо, ному  насаб

Замимаи  2

**Суратҷаласаи**
**маҳфили  илмии донишҷӯён**

№_____ аз_________________
маҳфили  илмии донишҷӯён
______________________________________________________________________
номи кафедра
______________________________________________________________________
ном
( соли таҳсили _________________)

Санаи  ташкили маҳфили илмии донишҷӯён: _________________________
Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________
Ному  насаб, вазифа, унвони илмӣ,  телефон, e-mail
______________________________________________________________________

Раиси маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________________
Ному  насаб,  телефон, e-mail
______________________________________________________________________

Иштирок доштанд аз аъзои маҳфили илмии донишҷӯён:

| № | Ному насаби донишҷӯ (пурра) | Гурӯҳ, курс | телефон | E-mail |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| … | | | | |

Мӯҳтавои ҷаласаи маҳфил (кадом масъалаҳо баррасӣ шуданд, кӣ баромад кард, мазмуни мухтасари маърӯза, кадом қарор қабул карда шуд)

Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________
Ному насаб, вазифа, унвони илмӣ, телефон, e-mail
______________________________________________________________
Раиси маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________
Ному насаб, телефон, e-mail

Замимаи 3

**Ҳисобот**
**оид ба фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён**

______________________________________________________________
номи кафедра
______________________________________________________________
ном
( соли таҳсили _________________)
Замони фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён: ______________________
(санаи баргузории ҷаласаи нахустин ва охирин)
Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________
Ному насаб, вазифа, унвони илмӣ, телефон, e-mail
______________________________________________________________

Раиси маҳфили илмии донишҷӯён: ____________________________
Ному насаб, телефон, e-mail
______________________________________________________________

Аъзои маҳфили илмии донишҷӯён:

| № | Ному насаб (пурра) | Гурӯҳ, курс | телефон | E-mail | Дар чанд ҷаласа ширкат кард |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |

Ҷаласаҳои баргузоршудаи маҳфили илмии донишҷӯён

[Намуна]

| № | Санаи ҷаласа | Мавзӯи ҷаласа | Маълумоти мухтасар дар бораи ҷаласа |
|---|---|---|---|
| 1. | 20.09.15 | Мубоҳисаҳо оид ба вазъи нақди адабии муосир | Маърӯзаҳои Акрамов Ш. ва Алиева А. шунида шуд, мавзӯи тадқиқоти илмии Валиев А. ва Камолова Б. муайян карда шуд. |

Рӯйхати асарҳои интишорёфтаи аъзои маҳфили илмии донишҷӯён

[Намуна]

| № п/п | Ному насаби муаллиф | Номи кор, шакли он | Макон ва замони нашр | Ҳаҷм, ҷузъи чопӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Аҳмадов А.А. | Декларатсияи умумии ҳуқуқҳои инсон соли 1948 г. ва асосҳои таърихиву ҳуқуқии он (тезисҳо) | Ҳуқуқҳои инсон дар замони муосир. Конфронси илмии донишҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон( фишурдаи маърӯзаҳо). – Душанбе: Дониш, 2016. – С.67-68. | 0,15 |

Рӯйхати корҳои илмии аъзои маҳфили илмии донишҷӯён, ки барои иштирок дар озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар чорабиниҳои илмии сатҳи байналмилалӣ тайёр шудааст:

[Намуна]

| № п/п | Ному насаби муаллиф | Номи кор | Номи чорабинии илмӣ | Ҳаҷм, саҳифа |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раҳимӣ И.И. | Низоми молиявии рушди кишварҳо (дар мисоли ИМА ва Япония) | Олимпиадаи байналмилалӣ аз рӯи фанҳои иқтисодиву молиявӣ ва масъалаҳои идоракунӣ | 50 |

Рӯйхати корҳои илмии аъзои маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар озмуни озод барои кори илмии беҳтарини донишҷӯён аз рӯи фанҳои табиӣ, техникӣ ва гуманитарӣ ва чорабиниҳои дигари илмии сатҳи умумиҷумҳуриявӣ

[Намуна]

| № п/п | Ному насаби муаллиф | Номи кор | Номи чорабинии илмӣ | Ҳаҷм, саҳифа |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раҳимӣ П.П. | Мафҳум ва аломатҳои ташхиси зиддикоррупсионии | Озмуни озод барои кори илмии беҳтарини донишҷӯён аз рӯи фанҳои | 48 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | асноди ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он | табиӣ, техникӣ ва гуманитарӣ | |

Рӯйхати корҳои илмии аъзои маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии кори илмии беҳтарини донишҷӯён барои дарёфти ҷоизаҳо ва дар чорабиниҳои дигари илмии минтақавӣ

[Намуна]

| № п/п | Ному насаби муаллиф | Номи кор | Номи чорабинии илмӣ | Ҳаҷм, саҳифа. |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раҳимӣ П.П. | Ҷанбаи ахлоқии фаъолияти соҳибкорон | Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмии донишҷӯён барои дарёфти ҷоизаи … | 60 |

Рӯйхати корҳои илмии аъзои маҳфили илмии донишҷӯён барои иштирок дар чорабиниҳои илмии дохилӣ

[Намуна]

| № п/п | Ному насаби муаллиф | Номи кор | Номи чорабинии илмӣ | Ҳаҷм, саҳифа. |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Саидзода С.С. | Мафҳум ва аломатҳои давлати унитарӣ | Озмуни шаҳрии «Ҳуқуқшиноси ҷавон» | 35 |

Рӯйхати диплому ифтихорномаҳо ва мукофотҳои дигар, ки аз ҷониби аъзои маҳфили илмии донишҷӯён дар чорабиниҳои «берунии» хусусияти илмӣ дошта гирифта шудааст

[Намуна]

| № | Ному насаби муаллиф | Навъ (диплом, ифтихорнома , сипоснома ва ғ.) | Сатҳ (байналмилл ӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ ва ғ.) | Номи пурраи ташкилоте, ки супоридааст | Маълумот ( барои кадом кор) | Са-наи су-по-ри-дан |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Саидова С.С. | Дипломи дараҷаи I | Минтақавӣ | Вазорати кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ҶТ | Барои ғолибият дар сексияи «Идоракун ии хоҷагии халқ» | 09. 09. 09 |

Роҳбар (он)-и илмии маҳфили илмии донишҷӯён: _________________
Ному насаб, вазифа, унвони илмӣ, телефон, e-mail
___________________________________________________________________

Мудири кафедра: ________________________/_______________/
Имзо, ному насаб

Замимаи 4

## НОМГӮИ

**Ҳуҷҷатҳои маҳфили илмии донишҷӯён**

1. Нақшаи намунавии кори маҳфили илмии донишҷӯён барои соли таҳсил.
2. Ҳисобот дар бораи фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён барои соли таҳсил.
3. Суратҷаласаи маҷлисҳои маҳфили илмии донишҷӯён дар соли таҳсил.
4. Нусхаи осори мунтширшудаи аъзои маҳфили илмии донишҷӯён.
5. Нусхаи дипломҳо, ифтихорномаҳо ва мукофотҳои дигаре, ки аъзои маҳфили илмии донишҷӯён дар чорабиниҳои берунаи илмӣ дарёфт кардаанд.
6. Нусхаи дипломҳо, ифтихорномаҳо ва мукофотҳои дигаре, ки аъзои маҳфили илмии донишҷӯён дар чорабиниҳои дохилии илмӣ дарёфт кардаанд.

Замимаи 5

## БАҲОГУЗОРИИ

**холӣ-рейтингии ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯ (намуна)**

| № | Намуди кор | Хол |
|---|---|---|
| 1. | Нашри мақола дар маҷаллаҳои илмӣ | 45 |
| 2. | Нашри мақола ё фишурда дар маҷмӯаи маводи конфронсҳои илмии байналмилалӣ дар хориҷи кишвар | 15 |
| 3. | Нашри мақола ё фишурда дар маҷмӯаи маводи конференсияҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 14 |
| 4. | Нашри мақола ё фишурда дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 13 |
| 5. | Нашри мақола ва ё фишурда дар маҷмӯаи маводҳои илмии конференсияҳои дигари беруна | 11 |
| 6. | Нашри мақола ва ё фишурда дар маҷмӯаи маводҳои илмии конференсияҳои дигари дохилӣ | 10 |
| 7. | Гирифтани дипломи дараҷаи аввал (барои ҷойи якум) дар конференсияҳои илмӣ-байналмилалии беруна | 20 |
| 8. | Гирифтани дипломи дараҷаи II, III ва ғайра ё, ки ифтихорномаи фахрӣ дар конференсияҳои илмӣ-байналмилалии беруна | 19 |
| 9. | Гирифтани дипломи дараҷаи аввал (барои ҷойи якум) дар конференсияҳои илмӣ-байналмилалии дохилӣ | 18 |
| 10. | Гирифтани дипломи дараҷаи II, III ва ғ.. ё, ки ифтихорномаи фахрӣ дар конференсияҳои илмӣ- | 17 |

| | | |
|---|---|---|
| | байналмилалии дохилӣ | |
| 11. | Гузориш дар қисми ифтитоҳии конфронсҳои илмӣ-байналмилалии берунӣ | 30 |
| 12. | Баромад дар конфронси илмӣ-байналмилалии берунӣ | 15 |
| 13. | Гузориш дар қисми ифтитоҳии конфронсҳои илмӣ-байналмилалии дохилӣ | 25 |
| 14. | Баромад дар конфронси илмӣ-байналмилалии дохилӣ | 10 |
| 15. | Гузориш дар қисми ифтитоҳии конфронсҳои илмӣ-байналмилалии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 10 |
| 16. | Баромад дар конфронсҳои дигари илмӣ-байналмилалӣ | 4 |
| 17. | Гузориш дар қисми ифтитоҳии конфронсҳои дигари илмии дохилӣ | 10 |
| 18. | Баромад дар конфронсҳои дигари илмӣ дохилӣ | 3 |
| 19. | Иштирок дар маҳфилҳо ва ҷаласаҳои илмӣ | 2 |
| 20. | Баромад ё гузориш дар маҳфилҳои илмӣ | 5 |
| 21. | Гирифтани медал «Барои беҳтарин кори илмӣ» дар озмун бораи беҳтарин корҳои илмии донишҷӯён аз рӯи илмҳои табиӣ, техникӣ ва гуманитарӣ | 50 |
| 22. | Гирифтани дипломи дараҷаи I (барои ҷойи якум) дар озмуни корҳои илмии ҷумҳуриявӣ барои ба даст овардани ҷоизаҳои номӣ | 30 |
| 23. | Гирифтани дипломи дараҷаи II, III дар озмуни корҳои илмии ҷумҳуриявӣ барои ба даст овардани ҷоизаҳои номӣ | 20 |
| 24. | Гирифтани ифтихорномаи фахрӣ дар озмуни корҳои илмии ҷумҳуриявӣ барои ба даст овардани ҷоизаҳои номӣ | 15 |
| 25. | Гирифтани дипломи дараҷаи I (барои ҷойи якум) дар дигар озмунҳои илмӣ-тадқиқотӣ | 12 |
| 26. | Гирифтани дипломи дараҷаи II, III ва ифтихорномаи фахрӣ дар дигар озмунҳои илмӣ | 11 |